**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Педагогика ва методикаи таълим аз ҷумлаи илмҳои босуръат рушдёбанда маҳсуб меёбад, бинобар ин, роҳандозӣ намудани натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим масъалаи мубрами дидактика ба шумор меравад. Мавзуе, ки унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич мавриди таҳқиқ қарор додааст, воқеан, мубраму муҳим буда, амалӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, хусусан, дар самти тарбияи эстетикии кӯдакон ва ба даст овардани салоҳиятҳои фарҳангӣ мусоидат карда метавонад.

Муҳим будани натиҷаҳои таҳқиқ, аз тарафи дигар, дар он инъикос меёбад, ки ва мазмун мундариҷаи диссертатсияро ҳамчун дастурамал ва ё дастури роҳнамо ҷиҳати ташкил ва баргузории дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ истифода бурданд мумкин аст.

Сохтори автореферат ва қолаби он ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ҳадафу вазифаи таҳқиқ ба таври мушаххас ва равшан манзур шудааст. Муаллиф навгони кори таҳқиқотиро бо он асоснок намудааст, ки мавзуъ барои ҳосил намудани малакаву маҳорати сатҳи мусиқифаҳмӣ, шавқу завқи кор бо асбобҳои мусиқӣ, бозёфти истеъдодҳо ва рушди қобилияту салоҳиятҳои хонандагони хурдсол мусоидат намуда, дар шакли бозиҳои гуногун бо истифода аз асбобҳои мусиқӣ ва воситаҳои технологии муосир гузаронидани дарсро тавсия додааст.

Татбиқи ин ҷиҳатҳо барои рушди дараҷаи касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ тавсеаи маданияти рафтору гуфтор, эстетикаи хонандагон созгор мебошад. Муҳаққиқи ҷавон бозиҳои эстетикиро гӯруҳбандиӣ карда, дар ҷараёни дарс гузаронидани онро баштар ба мақсад мувофиқ шуморидааст, зеро ташкили бозиҳои марбут бо суруд ва мусиқӣ барои аз худ шудани маводи таълимӣ кумак мерасонад, машғулиятҳоро шавқовару хотирмон мегузаронад. Бо ин роҳ ҳосил намудани малакаю маҳорати мусиқифаҳмӣ, рушди қобилияти овозхонӣ муайян намудани

хонандагони қобилиятноку боистедод осонтар мебошад.

Забони фишурдаи диссертатсия илмӣ ва равону фаҳмо мебошад ва мазмуни умумии он бармеояд, ки диссертант қабл аз таҳияи рисола адабиёти зиёди соҳаро мутолиа ва дар кори худ истифода кардааст, ки ин ҷиҳат барои афзудани қимати илмии он созгор афтодааст. Мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои диссертатсия вобаста ба ҳаҷмашон дар фишурда инъикос ёфтааст.

Иҷрои масъалаҳои банақшагирифта асосан дар фишурда дарҷ ёфтааст, хусусан натиҷаи таҷрибаҳо педагогию психологии баргузор намудани озмоишҳо бевосита дар мактаб бо ширкати омӯзгорону хонандагон доир намудани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба таври ҳақиқӣ илмӣ дарҷ ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, мавзуъ ба аҳаммияти амалӣ машқ мебошад, зеро аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ омӯзгорони фанни суруд ва мусиқӣ имконияти хуби такмил додани маҳорати касбии педагогӣ муносибати психологӣ ба аҳли синфро пайдо мекунанд. Дар шакли дастури роҳнамо ба табъ расонидани рисола кори хайр мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар автореферати диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич баъзе камбудиву нуқсонҳо, аз қабили:

- мавҷуд будани ғалатҳои имлоию техникӣ бештар дар риояи фонемаҳои и ва ӣ, у ва ӯ :

- баъзе бахшҳои автореферат, алалхусус дар қисмати муқаддимаи он: “Мубрамии мавзуи таҳқиқот, “Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ” аз ҷиҳати ҳаҷм васеътар буда, ҳаҷми якчанд бахши дигар маҳдудтар мебошад.

- Масъалаҳои таҳқиқ асосан дар шароити мактабҳои шаҳр, ки имкониятҳои техникӣ, технлогӣ ва аёнии хуб доранд, баррасӣ шудааст.

Хуб мешуд, ки оид ба маҳдуд будани шароитҳои техникию технлогии ташкили дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ки дар мактабҳои деҳот махсусиятҳои худро дарад, ба таври муқоиса мулоҳизаронӣ мегардид.

Ба ҳамин тариқ нуқсонҳои маскур ҳусни умумии корро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи илмии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” кори таҳқиқоти бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, мазмун ва мундариҷаи кор ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмият даровардани диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ “мувофиқ

мебошад. Унвончӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич барои дарфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Маълумот барои тамос: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Борбад, 48/5 121; Тел: +992 (37) 234 88 02, https://www: iutet.tj, info@ iutet.tj

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Эмомов Исматулло

Имзои н.и.п, дотсент Эмомов Исматулло Бороновичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон: Ҷураев Ш.Н.